# ТАҚРИЗ

**ба автореферати Раҳимова Сарвиноз Назруллоевна дар мавзуи «Омодасозии омӯзгорони ояндаи фанни таърих бо истифода аз технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.08 - Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.04-назария ва методикаи фанҳои гуманитарӣ)**

Рисолаи диссертатсионӣ, ки ба ташаккули салоҳиятнокиии омӯзгорони ояндаи фанни таърих бо татбиқи технологияҳои иттилоотӣ нигаронида шудааст, дар соҳаи педагогика ва методикаи таълим саҳми арзанда дорад. Муаллифи диссертатсия масъалаи муҳиммеро, ки ба баланд бардоштани сифати омодасозии омӯзгорони оянда дар самти таълим алоқамандандӣ дорад, хеле саҳеҳ таҳқиқ намудааст.

Ба муҳаққиқ муяссар шудааст, ки дар навгониҳои мавзуи таҳқиқотии диссертатсионии худ масъалаи омодасозии омӯзгорони ояндаи фанни таърихро бо истифода аз технологияи иттилоотию коммуникатсионӣ (ТИК) мавриди таҳлил ва омӯзиш қарор диҳад. Муҳаққиқ моҳирона нишон додааст, ки ҳамгироии ин фанҳо чӣ гуна метавонад ба рушди доираи васеи салоҳиятҳо, аз қабили тафаккури интиқодӣ, ҳалли мушкилот ва тафаккури эҷодӣ дар омӯзгорони оянда мусоидат кунад.

***Рисолаи диссертатсионӣ аз навгониҳои зерин иборат мебошад:***

– дар рисола моҳият, сохтор ва мундариҷаи таълими омӯзгорони оянда дар заминаи истифодаи технологияи иттилоотию коммуникатсионӣ тавсиф карда шудааст;

– ҷанбаҳои асосии истифодаи технологияи иттилоотию коммуникатсионӣ дар фаъолияти касбии омӯзгорон, истифодаи низомҳои иттилоотӣ муайян карда шудаанд;

– ҷузъҳои омода намудани омӯзгори фанни таърих нисбати истифодаи технологияи иттилоотию коммуникатсионӣ дар фаъолияти касбӣ-ҳавасмандӣ, консепсия ва фаъолияти маърифатӣ муайян карда шудаанд;

– ҷустуҷӯ, бойгоникунонӣ ва нигоҳдории иттилооти касбӣ, таъсири умумӣ тавассути воситаҳои мултимедиявӣ, аз ҷумла, тасвирҳои эҳсосӣ, шунавоӣ, аудиторӣ, ҳаракаткунанда, амсиласозӣ ва тархрезии объектҳои воқеию маҷозӣ нишон дода шудаанд.

Айни замон муассисаҳои таълимӣ на танҳо ба мутахассиси тахассусдоре ниёз дорад, ки бо усулҳо ва малакаҳои татбиқи онҳо ошно бошад, балки муассисаҳои таълимӣ ба мутахассисоне ниёз доранд, ки ба

дархостҳо ва талаботҳои зудтағйирёбандаи босуръат ва ба таври кофӣ посух диҳанд, ба шароити мавҷудаи корӣ мутобиқ шаванд, ба ҳолатҳои гуногуни тарбиявӣ, ки ба ҳалли масъалаҳое, ки дар амалияи педагогӣ, раванди таълиму тарбия ба вуҷуд меоянд, баҳои муносиб медиҳанд.

Салоҳияти касбии омӯзгори ояндаи таърих – ин маҳорати бомуваффақият амал намудан дар заминаи таҷрибаи амалӣ, малака ва дониш дар ҳалли масоилу мушкилоти касбӣ мебошад. Ба вуҷуд омадани равиши салоҳиятнок – як қонунияти муқаррарии рушди низоми маориф аст, ки аз ҷустуҷӯйи роҳҳои ба ҳам омадани он ба ниёзҳои бомаром инкишофёбандаи ҷомеа мебошад. Равиши зикршуда ба консепсияи салоҳиятҳо асос ёфтааст, ки дар фазои таҳсилоти муосир ба он ҳамчун асоси дар донишомӯзон дар баробари дониш ташаккул ёфтани қобилияти ҳалли муҳимтарин масоили амалӣ ва тарбияи шахсият дар маҷмӯъ таваҷҷуҳ ва аҳамияти зиёд дода мешавад.

Дар осори педагогие, ки ба омодакунии касбии омӯзгор дар асоси равиши салоҳиятнок асос ёфтааст, салоҳиятнокии касбӣ муҳимтарин хусусияти омодагии назариявию амалии омӯзгор нисбати пешбурди фаъолияти педагогӣ эътироф шуда, маҷмӯи салоҳиятҳои муайянро муаррифӣ менамояд.

Ба сифати пойгоҳи таҳқиқот факултетҳои таърих, ҳуқуқ ва муносибатҳои байналмилалии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, факултети таърих ва ҳуқуқи Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав дар вилояти Хатлон истифода шуда, таҳқиқотчӣ дар онҳо озмоишҳои педагогиро бо иштироки беш аз 190 нафар донишҷӯён гузаронидааст.

Дар раванди таҳқиқот унвонҷӯ ба ҷанбаҳои назариявӣ ва амалии масъала диққати аввалиндараҷа дода, бо таври муфассал онҳоро дар рисола дарҷ намудааст. Аҳамияти назариявии таҳқиқот аз он иборат аст, ки эҳтиёҷоти низоми таҳсилот ба таъминоти таълимӣ-методии фаъолияти таълимӣ дар донишгоҳ аз ҷиҳати илмӣ-назариявӣ асоснок гардида, роҳу воситаҳои самараноки татбиқи онҳо дар шароити фаъолияти таълимии донишгоҳҳои Тоҷикистон муайян шуданд. Аҳамияти амалии таҳқиқот бошад, аз он иборат аст, ки ба гардиши раванди маърифатию таълимии факултети таърихи муассисаи таҳсилоти олии касбӣ курси махсуси аз тарафи унвонҷӯ таҳиягардида бо номи «Истифодаи технологияи иттилоотию коммуникатсионӣ дар фаъолияти касбии омӯзгори фанни таърих», ки дорои маводи назариявию амалӣ, санҷишӣ ва маҷмуи супоришҳои таълимӣ барои донишҷӯён мебошад, ҳамчун васоити таълимӣ истифода мешавад.

Натиҷаҳои кори таҳқиқотии унвонҷӯ дар 11 интишорот инъикос ёфтааст, ки аз онҳо 5 ададашро мақолаҳои илмии дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон банашррасида ва 6 адади боқимондаашро мақолаҳои дар дигар нашрияҳо бачопрасида ва маводҳои конференсияҳои илмӣ ташкил медиҳанд.

Рисолаи диссертатсионӣ аз бахшҳои «Муқаддима», «Тавсифи умумии кор», ду боб, бахши «Хулосаҳо» бо зербахши «Тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳо», бахши «Рӯйхати адабиёт» бо зербахши «Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия» иборат буда, дар ҳаҷми 183 саҳифаи матни компютерӣ, 25 расму диаграмма, 11 ҷадвал ва 208 адабиёт иборат мебошад.

Дар рисолаи диссертатсионии Раҳимова Сарвиноз Назруллоевна дар мавзуи «Омодасозии омӯзгорони ояндаи фанни таърих бо истифода аз технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ» баъзе камбудиҳои ҷузъӣ роҳ ёфтаанд, ки ислоҳи онҳо аз манфиат холӣ нест:

1. Дар рисола омадааст, ки «Мазмун ва мундариҷаи диссертатсия ба мазмуни шиносномаи илмии ихтисоси 13.00.08. - Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.04 - Назария ва методикаи фанҳои гуманитарӣ) мувофиқ мебошанд». Аммо, дарҷ нагардидааст, ки рисола бо кадом бандҳои шиносномаи ихтисос мувофиқ аст.

2. Дар рисолаи илмӣ баъзе хатоиҳои имлоӣ ва техникӣ ба назар мерасанд.

Бояд қайд намуд, ки камбудиҳои ошкоршуда ба мазмуну мухтаво ва аслияти рисола таъсири манфӣ намерасонад ва арзиши илмии онро паст намекунад.

Дар маҷмуъ метавон қайд намуд, ки рисолаи номзадии Раҳимова Сарвиноз Назруллоевна саҳми арзандаи худро дар соҳаи маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон гузошта метавонад. Зеро, тавсияҳои методии рисола ҳам барои муҳаққиқони соҳаи маориф ва ҳам барои омӯзгорон, ки мехоҳанд таҷрибаи таълимии худро такмил диҳанд ва салоҳият дар таълими фанни таърихро васеъ намоянд, муфид мебошад.

Дар умум, метавон хулосабарорӣ намуд, ки автореферати диссертатсияи илмӣ фарогири ҳамаи қисматҳои муҳимми диссертатсия буда, ба талаботи «Низомнома оид ба тартиб додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ» – и КОА – и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ аст ва муаллифи он сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.08. - Назария ва методикаи таҳсилоти

касбӣ (13.00.08.04 - Назария ва методикаи фанҳои гуманитарӣ) мебошад.

**Муқарриз:**
номзади илмҳои педагогӣ,
сармутахассиси шуъбаи
педагогика ва методикаи таълими
Академияи таҳсилоти Тоҷикистон Б. Муҳиддинзода

Имзои Б. Муҳиддинзодаро
тасдиқ мекунам, нозири кадр
ва коргузории Академияи
таҳсилоти Тоҷикистон М. Саидова

«28» марти соли 2024